# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович тахти мавзӯи «Танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ ба ҳимоя тавсия мегардад.

Диссертатсияи Ҷаборов Д.А. ба яке аз масъалаҳои муҳим ва марказии илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ бахшида шудааст. Инҳисори табиӣ дар бозор дар баъзе ҳолатҳо варианти ягонаву имконпазири таъмини рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёт буда, пурра ба манфиатҳои ҳам истеъмолкунанда ва ҳам давлат мутобиқ мебошад. Инҳисори табиӣ танҳо ба он ҳолати бозорӣ мутобиқ мебошад, ки дар он истеҳсолот ва тақсимоти ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасонӣ ба ташкилоти ягона вобаста аст. Мавҷудияти рақибон дар ин ҳолат боиси хароҷоти зиёдатӣ барои таъсиси инфрасохтори мувозӣ мегардад.

Муаллифи диссертасия дуруст таъкид менамояд, ки рақобат механизми ҷудонашавандаи иқтисодиёти бозоргонӣ мебошад. Рақобат дар иқтисодиёт ба инҳисорот муқобил меистад, зеро ки имкониятҳои ҳар як иштирокчии муносибатҳои бозоргониро дар таъсири инҳисорӣ ба шарти умумии гардиши молҳо дар бозори молӣ маҳдуд месозад. Фаъолияти маҳдуднашудаи инҳисорӣ рақобатро паст мекунад ва ба пахши озодии фаъолияти соҳибкорӣ оварда мерасонад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми марти соли 2007, №235 "Дар бораи инҳисори табиӣ" асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатӣ нисбати инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад ва барои ба даст овардани баробарии манфиатҳои истеъмолкунандагон ва субъектҳои инҳисори табиӣ, ки дастрасии фурӯши молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)-

ро барои истеъмолкунандагон ва кори самараноки субъектҳои инҳисори табииро таъмин менамояд, равона шудааст. Танзими давлатии фаъолияти субъекти инҳисори табиӣ амалӣ мегардад; бо тасдиқи тариф; бо тасдиқи сатҳи ҳадди интиҳоии тариф; бо тасдиқи сметаи тариф; бо тасдиқи коэффисиенти паскунандаи муваққатӣ; бо тасдиқи тартиби махсуси ташаккули хароҷотҳо; бо тасдиқи тартиби пешбурди баҳисобгирии ҷудогонаи даромадҳо, хароҷотҳо ва активҳои амалкунанда аз рӯи ҳар як намуди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)-и танзимшаванда ва дигар намуди фаъолиятҳо; бо тасдиқи сатҳи ҳадди интиҳоии фоиданокӣ; бо тасдиқи тарифи ҷубронкунандаи муваққатӣ.

Муаллиф дуруст байён менамояд, ки дар замони муосир инҳисорҳои табиӣ бо шабакаҳои худ тамоми мамлакатро мутаҳид менамоянд ва ҳатто мисли хатҳои интиқоли барқ берун аз доираи он мебароянд. Субъекҳои инҳисорҳои табиӣ ба ташкил ва нигоҳдории фазои ягонаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Дар шароити талаботи пасти пардохтпазирӣ, норасоии маблағҳои пулӣ болоравии нархҳо ба хизматрасонии инҳисорҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омиле мегардад, ки ба пастшавии ҳаҷми истеҳсолот дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлкат мусоидат мекунад ва сарчашмаи пурқуввати беқурбшавии пул мешавад.

Навгонии илмии тадқиқот дар он ифода меёбад, ки рисолаи мазкур нахустин тадқиқоти муназзам, ба таври комплексӣ ва ҳамаҷониба суратгирифтаи замони истиқолияти давлатӣ мебошад, ки дар он дар хаҷми як тадқиқоти маҷмуӣ назария ва амалияи ҳуқуқи гражданӣ ва хуқуқи соҳибкорӣ ба тадриҷ таҳлил гардида, пешниҳодҳо ҷиҳати рушди қонунгузорӣ дар бахши инҳисори табиӣ пешкаш шудаанд.

Андешаҳои боло навгонии илмии рисоларо тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи он нишон медиҳанд. Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади

назариявӣ мустаҳкам карда шуда, қисмате аз онҳо дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

Дар алоқамандӣ бо гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович - унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи
соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сангинов Д.Ш.

Имзои Сангинов Дониёр Шомаҳмадовичро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.